**СУРАТМАҶЛИСИ № 41**
**Маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079**
**назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии**
**ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ**

**аз 28-уми марти соли 2026** **ш. Душанбе**

Раис - доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода Сайдулло Зувайд.
Котиби илмӣ - номзади илмҳои сиёсӣ Сангинов Назрулло Наимович.

**Раис:** Муҳтарам, аъзои шурои диссертатсионӣ! Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми декабри соли 2025, №471/шд тасдиқ шудааст, 14 нафар иштирок доранд. Шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод менамоям, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Саидзода Диловар Абдулаҳад дар мавзуи **«Набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ.

2. Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Каримов Шамсиддин Турсунматович баромад намуд (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Саидзода Диловар Абдулаҳад дар мавзуи **«Набардҳои иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. **Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:**

- доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Назарзода Пиралӣ Сафар;

- доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ ва дипломатияи Донишгоҳи Славянии Русия ва Тоҷикистон Саидов Ҳомид Саидович;
- доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино Саидов Абдулманон Сатторович.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи расмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ва сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Ба чопи автореферат ва ирсол намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя 4-уми июли соли 2026, соати 13$^{00}$ таъйин карда шавад.

**Қарор бо овоздиҳии кушод якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ /__________/ Қувватзода С. З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ /__________/ Сангинов Н. Н.